## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ. Шаҳри Душанбе, 2025 с.**

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар баландии 2100 метр аз сатҳи баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳии хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии картошка бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Картошкапарварӣ яке аз самтҳои афзалятноки соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, пешрафти ояндаи он, пеш аз ҳама дар ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка, ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварии он дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар картошкаправарӣ алоқамандии зич дорад. Бахри рушди ояндаи соҳаи картошкапарварӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола чораҳои заруриро андешида, дурнамо ва барномаҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи картошкаправарӣ ба шумор меравaнд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъу дурагаҳои ояндадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, нақши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои таъсири омилҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои куҳӣ ва наздикӯҳии кишварамон ба хусусиятҳои рушду сабзиш ва

ҳосилнокии навъҳои гуногуни картошка пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин дар шароити кӯҳии яке аз минтақаҳои асосии картошкаправарӣ дар кишварамон- мавзеи Лахши минтақаи Рашт бахшида шудааст.

Муаллиф дар рисолааш асоснок менамояд, ки дар афзун намудани исеҳсоли картошка, кишти навъҳои иқтидори баланди ҳосилнокӣ дошта ва сифати тухмии онҳо накши калидиро иҷро мебозанд. Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур, ин омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт, баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муаллиф асосонок мекунад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омузиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии иқлим омухта шуда, дар асоси омузиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошкаро дар минтақа муайян намудааст. Чунин таҳқиқотҳо дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ҳисобида мешаванд.

Барои расидан ба ҳадафии илмиаш, унвонҷӯ Акрамов А.Х., чунин нуқтаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1.Омӯзиши хусусиятҳои морфобиологӣ ва агроэкологии навъҳои нави интродуксионии картошка дар шароити минтақаи кӯҳӣ муайян карда шуд;

2. Тобоварии навъҳои интродуксионии картошка ба омилҳои табиӣ вобаста аз тағйирёбии иқлим муайян карда шуд;

3. Маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои интродуксионии картошка дар шароити минтақаи кӯҳии водии Рашт баҳодиҳӣ карда шуд;

4. Алоқамандӣ байни аломатҳои гуногуни навъҳои картошка исбот карда шуда, самаранокии иқтисодии онҳо дар шароити минтақаи кӯҳӣ муайян карда шуд;

5. Навъҳои ояндадори картошка ва истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия муайян карда шуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои асосии таҳдқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ (дар тӯли солҳои 2019-2022) муҳокима карда шудаанд. Корҳои илмию таҳқиқотӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои картошка тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда шуда, муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], гузаронида шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар 150 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Рисолаи илмӣ бо 30 ҷадвал, 19 расм ва 23 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз ҷумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, обеъкту предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайн шудаанд.

**Дар боби якуми** рисолаи диссертатсионии Акрамов А.Х. маълумотҳои зарурӣ аз адабиётҳои гуногуни муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихӣ дар чор зербоб, аз ҷумла; зербоби якум таърихи пайдоиши ва аҳамияти картоша, зербоби дуюм таърих ва тараққиёти соҳаи картошкапарварӣ дар Тоҷикистон, зербоби сеюм хусусиятҳои ботаникию биологии навъҳои картошка ва зербоби чорум накши селексия дар ба даст овардани навъҳои ояндадори картошка дар ҳаҷми 17 саҳифа пешниҳод шудааст, ки онҳо аҳамияти таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

Вале, ба андешаи мо дар ин боб маълумоти зарурӣ оид ба таърихи селексияи картошка дар Тоҷикистон, саҳми олимони тоҷик дар ба даст овардани навъҳои нави картошка дар зербоби алоҳида оварда мешуд аҳамияти ин бобро боз пуратар мегардонид.

**Дар боби дуюми рисола** унвонҷӯй маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави картошка, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро дар 3 зербоб овардааст. Аз ҷумла: зербоби якум баҳои таркиби хоки маҳалли таҳқиқот буда, маълумотҳои муфассал оид ба таркиби хоки минтақаи таҳқиқот оварда шудааст. Зербоби дуюм- маълумот оид ба боду ҳаво дар давраи гузаронидани таҳқиқот буда, дар ин зербоб маълумотҳо оид ба ҳарорат ва боришот дар чор соли таҳқиқот дар минтақа таҳлил гардидааст. Зербоби сеюм бошад, методика, объектҳо ва маводҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

**Дар боби сеюми** рисола натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмии муаллиф таҳлил гардида, аз 9 зербоб иборат мебошад. Дар ин зербобҳо маълумотҳои арзишноки илмӣ, аз ҷумла; агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ, давомнокии давраҳои сабзиши навъҳои картошка, баландии пояи навъҳои картошка, майдони барг, миқори пайдоиши муғчаҳо ва гулҳо, массаи баргу пояи растаниҳо, массаи решаҳо, маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва алоқамандии аломатҳои гуногуни навъҳои картошка бо таҳлилҳои саҳеҳи илмӣ пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби аввал муаллиф агротехникаи парвариши картошкаро дар қитъаи таҷрибавӣ пешниҳод намуда, маҷмуи чорабиниҳои агротехникиро ҳам дар шакли ҷадвал ва ҳам дар шакли матн пешниҳод намудааст. Дар зербобҳои минбаъда аз давомнокии давраи нашъунамо то маҳсулнокию ҳосилнокии навъҳои картошка пурра омухта, таҳлил карда шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф кушиш намудааст, ки фарқияти аломатҳои омӯхташударо ба тағийрёбии ҳарорату боришотҳои солҳои омӯзиш алоқаманд баҳогузори намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки

бо назардошти бақайдгирии боришотҳо дар солҳои 2020 ва 2022 ва муътадилшавии ҳарорати иқлими минтақа дар ин солҳо натиҷаҳои назаррас ба даст омадааст. Дар охири ин боб тарафи муаллиф хусусияти пайдоиши шумораи лӯндаҳо, вазни як лӯнда, маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва вазни умумии биологии навъҳои картошкаро барраси намуда, навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бризро ҳамчун навъҳои серҳосил ва ояндадори картошка баҳогузорӣ менамояд.

**Дар боби чоруми рисола** маълумотҳои зарурӣ доир ба касалиҳои асосии картошка дар қитъаи таҷрибавӣ ва дараҷаи осеббинии навъҳо аз ҳашаротҳои зараррасон дар макони таҳқиқотҳо дар ду зербоб оварда шудаанд, ки ин маълумотҳо аҳамияти калони илмӣ доранд. Унвонҷӯй дар ин боби рисола фоизи устуворияти навъҳоро ба ин ё он намуди касалӣ тариқи мушоҳидаҳои саҳроӣ ва аз рӯйи методикаи М.В. Бурдукова [1967] муайян намудааст. Усуворияти навъҳо ба касалиҳо дар шакли ҷадвал таҳлил гардида, маълум карда шудааст, ки навъҳои Янка, Вектар, Бриз ва Скарб нисбати дигар навъҳо ба касалиҳо устуворияташон миёна ва баланд мебошад.

**Дар боби панҷум** маълумотҳо оид ба самаранокии иқтисодии навъҳои картошка дар шароити минтақаи кӯҳӣ гирд оварда шудааст. Дар ин боб муаллиф хароҷотҳои истеҳсолии воқеиро барои парвариши картошка дар минтақаҳои кӯҳӣ муқаррар намуда, дар асоси он самаранокии иқтисодии навъҳоро муайян намудааст.

**Дар боби шашуми рисола** хулосаҳои арзишманд доир ба натиҷаҳои ба даст омадаи корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ мухтасар баррасӣ гардидааст.

**Хулоса** аз 5 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои бадастомада ҳисобида мешавад.

Диссертатсия бо ду тавсияҳои судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот ҷамъбаст гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ ва селексионии навъҳои

интродуксионии картошка, донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад.

Аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъҳоро ба 161,6% ва сатҳи фоидаро дар як гектар ба 58,38 ҳазор сомонӣ нишон додааст, ки ин нишондиҳандаи баланд дар минтақаҳои кӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертотсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 2 мақолаи илмӣ дар Конференсияи байналмиллалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатиҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар рисола маълумоти кофӣ доир ба корҳои селексионӣ бо зироати картошка дар Тоҷикистон пешниҳод нашудааст;

2. Дар таҳқиқотҳо ягон навъи картошкаи олимони тоҷик, ки дар Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд ва ҳосилнокии баландро доро мебошанд, омӯхта нашудаанд;

3. Дар рисола мебоист яке аз навъҳои ноҳиябандӣ гардидаи картошкаи селексияи олимони тоҷик ба сифати навъи муқарраӣ (стандартӣ) низ бояд омӯхта мешуд.

4. Дар рисола ва автореферат ғалатиҳои имлоӣ ва оморӣ ба чашм мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Мудири озмоишгоҳи биологияи
молекулавӣ ва биотехнологияи
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои биологӣ, профессор Алиев Қ.А.
12 сентябри соли 2025

***Суроға:*** 734013, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон 13, гузаргоҳи 2-юм, хонаи 15. Тел. (+992) 917232758, (+ 992 37) 224-71-88; E-mail: www: ibfgr.tj

Имзои Алиев Қ.А-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Умарова Н.С.
12 сентябри соли 2025.

***Суроғаи муассиса:*** 734017, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Карамова 27, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: (+ 992 37) 224-71-88; E-mail: www: ibfgr.tj